**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ дар мавзуи «Вижагиҳои гузариши ВАО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вобастагӣ ба озоду демократӣ дар солҳои Истиқлолият: дурнамоҳо ва масъалаҳо (солҳои 1991-2020)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ)**

Мавзуи кори таҳқиқии Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ мубрам буда, дар он омӯзиши раванди ташаккули заминаи қонунгузорӣ, тавсифи вазъу ҳолати қонунгузорӣ, ки фаъолияти ВАО-и тоҷикро муайян мекунад, дараҷаи иштирок ва нақши сармояи хориҷӣ дар раванди эҷоди низоми ВАО-и тоҷик ва матбуоти ақаллияти миллӣ, ки зернизоми хоссаро ташкил мекунад, таҳқиқ шудааст.

Шароити имрӯзаи демократикунонии ҷомеа, ҷаҳонишавии равандҳои иттилоотӣ фаъолнокии васоити ахбори оммаро хеле такмил додааст. Ҷомеаи муосир, ки мехоҳад дар бораи рӯйдодҳои рӯз огоҳӣ дошта бошад, ба баланд бардоштани сатҳи дониши равандҳо, на ба талаботи ҷаҳонӣ, балки ҳамчун ниёзи калон ба ВАО нигаронида шудааст.

Омӯзиши таҷрибаи таҳаввулоти васоити ахбори омма дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ошкорнамоии тамоюлоти асосии ташаккул ва амалкарди амсилаи муосири матбуоти даврии тоҷик имкон фароҳам меорад, ки тасаввуроти мо оид ба қонунмандиҳои рушди ВАО дар фазои пасошуравӣ ва ҳам дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон - оид ба хусусиятҳои медианизомҳои кишварҳои алоҳидаи Осиёи Марказӣ ғанитар гарданд.

Солҳои 1991-1997 дар Тоҷикистон гузариш ба амсилаи иқтисоди бозоргонӣ оғоз ёфт, ҳамчунин, низоми нави ҷомеаи демократӣ ташаккул ёфтан гирифт, ки дар худ парламентаризм, бисёрҳизбӣ, сохтани ҷомеаи шаҳрвандиро фаро мегирад. Дар ин давра (солҳои 1991-1997) сарнавишти худи Ҷумҳурии Тоҷикистон зери хатар монда буд, зеро дар ҷумҳурӣ ҷанги шаҳрвандӣ бо шиддат ҷараён дошт. Ин ҳама ба фазои иттилоотии Тоҷикистон бетаъсир намонданд. Соли 2010 марҳилаи интиҳои фаъоли таҳаввулот ба қайд гирифта мешавад: ба тариқи ниҳоӣ заминаи қонунгузорӣ ташаккул ёфт, ки фаъолияти ВАО-и давриро дар шароитҳои давлат бо иқтисоди бозоргонӣ муайян мекунад,

навъҳои асосии нашрияҳо, ки барои ВАО маъмулу хосанд ва дар асоси тиҷорату соҳибкорӣ амал мекунанд, пайдо шуданд, аммо худи матбуоти тоҷик қисмати таркибии медианизоми ҷаҳонӣ гашта монд.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки дар он нахустин маротиба ҳаматарафа эҷоди амсилаи нави матбуоти даврӣ ва амалкарди он дар давлати наве, ки қаблан дар ин шаклу мазмун мавҷуд набуд, мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Зимнан таҳаввули матбуоти даврии тоҷик ҳамчун раванди ягона баррасӣ гардидааст, ки оғози худро дар доираи мавҷудияти давлати ягонаи тоҷик касб карда, рушди худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол ба даст овардааст.

Маводди диссертатсия ва дастовардҳои илмии таҳқиқ дар худ бархурди таърихиро фаро мегиранд, ки имкон медиҳад далелҳои ошкоршуда ва падидаю зуҳурот дар қаринаю пасманзари шароитҳои мушаххаси таърихӣ мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор дода шаванд. Ҳамчунин, бархурди мазкур имкон медиҳад таъсири омилҳои таърихӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ ба раванди таҳаввулоти матбуоти тоҷик пайгирӣ карда шавад. Дар рисола методи таҳлили муқоисавӣ, ки имкон медиҳад тафовути байни амсилаи пешина ва нави матбуоти даврии тоҷик ва методи таснифот, ки бидуни истифодаи он тавсифи сохтори матбуоти даврии муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайриимкон аст истифода шудаанд.

Диссертатсияи мазкур барои фанни “Асосҳои журналистика”, “Муқаддимаи ихтисос” ва курсҳои махсусу дарсҳои интихобӣ мавод дода метавонад. Дар асоси он таҳияи дастури таълимӣ оид ба матбуоти даврии тоҷик имконпазир аст

Диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад.

Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Диссертатсия дорои мазмун ва мантиқи пайваст буда, натиҷа ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ ба доираи масоили пажӯҳишиии шиносномаи ихтисоси илмии 6D050401 – Рӯзноманигорӣ

мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 7 мақола, ки 4-тояш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия мувофиқ мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи доктори фалсафа (PhD) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводди чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд. Дар диссертатсияи Абдуҷабори Сафаралӣ истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳамияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ дар мавзуи «Вижагиҳои гузариши ВАО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вобастагӣ ба озоду демократӣ дар солҳои Истиқлолият: дурнамоҳо ва масъалаҳо (солҳои 1991-2020)» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Ба мавзуи диссертатсияи Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ тағйирот ворид карда шавад ва дар шакли **«Вижагиҳои гузариши ВАО аз низоми шуравӣ ба демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дурнамо ва масъалаҳо (солҳои 1991-2020)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул гардад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 –

Рӯзноманигорӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Муллоев Шариф Боқиевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии факултети филологияи рус, журналистика ва медиатехнологияҳои Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон»;
- **Шарипов Сангимурод Исматуллоевич** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи рӯзноманигории факултети филалогияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носир Хусрав»;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ — Бозорзода Н.Ш.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ — Ҳасанова Т.Ғ.

номзади илмҳои филологӣ,
муовини сармуҳаррири Нашрияи
рӯзномаи «Омӯзгор» — Охунзода Н.

«20» апрели соли 2026.